# ПРОТОКОЛИ №30-и

шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 10 апрели соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 16 нафар,
аз рӯйи ихтисос 6 нафар

10 апрели соли 2026, соати 14:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, ҳуҷраи №102) ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: соати 17:01.

**Раиси шуро:** доктори илмҳои геологию минералогӣ – Валиев Ш.Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои техникӣ – Ғайратов М.Т.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои муштараки диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд бо рамзи 6D.КОА-057 (тағйирот ба ҳайати шурои муштараки диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд, аз 02.02.2026, №37/шд) тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 16 нафар аъзо иштирок доранд (1 нафар тариқи маҷозӣ), ки аз онҳо 3 нафарашон доктóрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Ёкубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи баҳодиҳии хатари сейсмикии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ Саидов Мирзо Сибгатуллович - доктори илмҳои геологию минералогӣ, професор, профессори кафедраи илмҳои Замин дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- Самарин Евгений Николоевич – доктори илмҳои геологию минералогӣ, профессори кафедраи геологияи инженерӣ ва экологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов.
- Андамиён Раҷабали Шамс - номзади илмҳои геологию минералогӣ, дотсенти кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**БАРОМАД НАМУДААНД:**

1. Раиси шуро: доктори илмҳои геологию минералогӣ Валиев Ш.Ф.
2. Котиби илмии шуро: номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.
3. Унвонҷӯ: Ёқубзода Ш.А.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, номзадони илмҳои геологию минералогӣ Фозилов Ҷ.Н., Саидраҳмонзода С.С., доктори илмҳои геологию минералогӣ Оспанова Н.К., доктори илмҳои физикаю математика Каримов Ф.Ҳ., номзади илмҳои геологию минералогӣ Саидова Д.Н., доктори илмҳои геологию минералогӣ Ғафурзода Ф.Ғ, номзади илмҳои геологию минералогӣ Ниёзӣ А.С. ва доктори илмҳои техникӣ Комилов О.К. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ – доктори илмҳои геологию минералогӣ Саидов М.С. шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

- Андамиён Раҷабали Шамс - номзади илмҳои геологию минералогӣ, дотсенти кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.
- Котиби илмии шуро тақризи муқарризи расмӣ Самарин Евгений Николоевич – доктори илмҳои геологию минералогӣ, профессори кафедраи геологияи инженерӣ ва экологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносовро мехонад.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда:

1. Каримов Ф.Ҳ. – доктори илмҳои физикаю математика.
2. Саидраҳмонзода С.С. – номзади илмҳои геологию минералогӣ.
3. Фозилов Ҷ.Н. – номзади илмҳои геологию минералогӣ.

4. Оспанова Н.К. – доктори илмҳои геологию минералогӣ.
5. Комилов О.К. – доктори илмҳои техникӣ.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои муштаракӣ диссертатсионӣ – Файзиев Ф.А., Фозилов Ҷ.Н. ва Муродзода А.А. интихоб гардидаанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 16 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок намудаанд: аз инҳо 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намудаанд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб Файзиев Ф.А. тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои муштараки диссертатсионӣ дар бораи ба Ёқубзода Шокир Абулфайз додани дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 10 апрели соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ, тақризи муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», котиби илмии шуро тақризи муқарризони расмӣ – доктори илмҳои геологию минералогӣ, профессори кафедраи геологияи инженерӣ ва экологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов Самарин Евгений Николаевичро мехонад, суханронии муқарризи расмӣ номзади илмҳои геологию минералогӣ, дотсенти кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Андамиён Раҷабалӣ Шамс, муқарризони ғайрирасмӣ – Каримов Ф.Ҳ. доктори илмҳои физикаю математика, Саидраҳмонзода С.С. номзади илмҳои геологию минералогӣ, Фозилов Ҷ.Н. номзади илмҳои геологию минералогӣ, Оспанова Н.К. доктори илмҳои геологию минералогӣ, Комилов О.К. доктори илмҳои техникӣ-ро шунида, баррасӣ карда, шурои муштараки диссертатсионӣ дар

асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Ёқубзода Шокир Абулфайз

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ, ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Ёқубзода Шокир Абулфайз дараҷаи илмии номзади илмҳои голоrию минералогӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои геологию минералогӣ ба Ёқубзода Шокир Абулфайз аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои муштараки диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 16 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геологию минералогӣ — Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ — Ғайратов М.Т.

10.04.2026 с.